**МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ**

Раёсати Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) санаи 18 июни соли 2021 конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзӯи «СҲШ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ: 20 соли фаъолияти самарабахш ва дурнамо» баргузор менамояд.

Барои иштирок дар кори конференсия коршиносон, олимон, кормандони муассисаҳои илмӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳо-аъзоёни СҲШ даъват карда мешаванд.

Ҳадафи конференсия: фароҳам овардани майдони муколамаи байналхалқӣ барои муҳокима ва табодули таҷриба оид ба масъалаҳои тавсеаи ҳамкории бисёрҷонибаи маърифатӣ, илмию техникӣ, сиёсӣ, савдою иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ.

- ✓ *Бист соли ҳамкориҳои судманди кишварҳои СҲШ: таҳлили ретроспективӣ*
- ✓ *Инкишофи робитаҳои берунаи иқтисодӣ дар доираи СҲШ: ҳолат, муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо*
- ✓ *Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СҲШ: самтҳои ҳамкорӣ ва дурнамо*
- ✓ *Ҳамкории мамлакатҳои СҲШ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳанг*
- ✓ *Ҳамкории иқтисодӣ байни мамлакатҳои СҲШ: ҳолат ва тамоюлҳои рушд*
- ✓ *СҲШ чун фишанги дастгирии амнияти байналхалқӣ*
- ✓ *Нақш ва аҳамияти СҲШ дар низоми муосири муносибатҳои байналхалқӣ*
- ✓ *СҲШ ва геосиёсати нав дар хоҷагии ҷаҳонӣ*
- ✓ *Ҳамкории байналхалқӣ-ҳуқуқии мамлакатҳои СҲШ дар амалигардонии ҳадафҳои миллӣ*
- ✓ *Таҳкурсии ҳуқуқии рушди муносибатҳои байналхалқӣ дар давлатҳои СҲШ: ҳолат ва дурнамо*

Забони кори конференсия: *тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.*

Хоҳишмандон метавонанд барои иштирок дар кори конференсия мақолаҳои худро тариқи чопӣ ва электронӣ **то санаи 25 майи соли 2021** ба кумитаи тадорукот пешниҳод намоянд.

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 мм бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman Tj (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда бошад.

Ҳаҷми мақола набояд аз 5 саҳифа (формати А4) зиёд бошад.

Мақола дорои навгонии илмӣ буда, набояд қаблан нашр шуда бошад.

Маълумот дар бораи муаллиф(хо) -и мақола бо зикри насаб, ном ва номи падар, дараҷаи илмӣ, номи муассисаи таълимӣ ё ташкилоти илмӣ (пурра), ё вазифа ва ҷои кор, кишвар ва шаҳр дар кунҷи тарафи рост оварда шавад.

Унвони мақола бояд мундариҷаи мақоларо дақиқ ва мушаххас тавсиф кунад.

Иқтибосҳо дар қавсайн бо қайди рақами адабиёт аз рӯйи рӯйхати сарчашмаҳо ва саҳифаи он бояд ишора шаванд.

Руйхати адабиёт дар охири мақола бо назардошти саҳифаи умумии сарчашмаи истифодашуда навишта шуда, мувофиқи талаботи ГОСТ Р 7.0.5 - 2011 таҳия карда шаванд.

Матни мақолаи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд пурра аз назари таҳрир гузаронида шавад ва аз ғалат тоза бошад.

Асолати матн на камтар аз 70% ҳаҷми мақоларо ташкил диҳад (дар барномаи «Антиплагиат» санҷида мешавад).

Масъулияти боэътимодии аснод ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллифон мебошад.

Мақолаҳое, ки талаботҳои болоиро доро намебошанд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Нишонии электронӣ барои ирсоли мақолаҳо: dabir77@mail.ru ё мустақиман ба нашриёт (ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, ДДҲБСТ, бинои таълимии №1, утоқи 309).

Телефон барои иртибот: (83422) 2-31-63